آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

27 майи соли 2026 Чоршанбе № 42 (15261)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ТАБРИК БА МАРДУМИ ЎЗБЕКИСТОН БА МУНОСИБАТИ ИДИ ҚУРБОН

*Ҳамватанони муҳтарам!*

*Шумо, азизон, ҳама муъмину мусулмони кишварамон ва тамоми халқамонро бо айёми бузурги имрӯза – иди мубораки Қурбон аз таҳти дил самимона муборакбод менамоям.*

*Иди сулҳ, меҳру оқибат ва саховат – Ийд ал-Адҳа ғоя ва амалҳои некеро, ки дар моҳияти дини муқаддаси мо таҷассум ёфтаанд, равшан ифода намуда, имрӯз бо муштарак ва ҳамоҳанг будани худ бо мазмуну моҳияти ислоҳоти густурдае, ки дар руҳи инсонпарварӣ дар кишварамон татбиқ мешаванд, барои ҳамаи мо боз ҳам азизу гиромитар мегардад.*

*Вақте дар ин бора ҳарф мезанем, бояд таъкид кард, ки анъанаҳои неки Иди Қурбон дар корҳое, ки ҷиҳати таҳкими муҳити ором, дӯстӣ ва ҳамҷиҳатӣ дар кишвари сермиллати мо, дастгирии инсонҳои ниёзманд, пиронсолони муҳтарам, зану духтарон ва ҷавонон, инчунин, обод кардани маҳалла ва хонадонҳо амалӣ мегарданд, барои мо чун манбаи нерӯю тавоноӣ ва илҳом хидмат мекунанд.*

*Солҳои охир корҳои мо дар самти омӯзиш ва тарғиби таърихи қадима ва арзишҳои ғании фарҳангии Ўзбекистон, мероси илмиву маърифатии олимону мутафаккирони бузург ва моҳияти аслии дини ислом ба марҳилаи нав мебароянд. Инро метавон дар мисоли Маркази тамаддуни исломӣ дар пойтахти азими мо, ки чанде пеш дарҳои худро ба рӯйи халқамон ва меҳмонони кишвар боз кард, Маҷмааи ёдгории Имом Бухорӣ дар Самарқанд ва Маҷмааи илмиву маърифатӣ ва сайёҳии Бурҳониддин Марғинонӣ дар шаҳри Марғилон, ки аз мӯъҷизаҳои нодири Ўзбекистони Нав ба шумор мераванд, бараъло мушоҳида кард.*

*Бешубҳа, ин ҳама қадамҳои муҳими таърихӣ дар роҳи бунёди Ўзбекистони Нав мебошанд, ки онҳо моро барои ҳаракат бо сафарбарии боз ҳам бештар даъват мекунанд.*

*Дӯстони гиромӣ!*

*Ба шарофати шароити мусоиде, ки дар мамлакат барои таъмини озодии эътиқоди динӣ фароҳам гардидааст, дар ин рӯзҳои муборак беш аз 15 ҳазор ҳамватанони мо маросими муқаддаси Ҳаҷро адо менамоянд. Шумо хабар доред, ки имсол бори нахуст дар таърихи мо барномаи «Ҳоҷиёни Президент» ҷорӣ гардид. Мувофиқи ин барнома 100 нафар ҳамватанони мо – уламо, пиронсолон, фаъолони маҳалла ва аъзои оилаи онҳо, ки ба халқу диёр содиқона хидмат кардаанд, имкони сафар ба Ҳаҷи муборакро пайдо намуданд.*

*Дар ин лаҳзаҳои саодатманд ҳамаи ҳоҷиёнро бо Иди Қурбон табрик гуфта, аз Худованди мутаол қабули ибодатҳои онҳоро хоҳонем. Умед дорем, ки ин ҳамватанони соҳибэҳтироми мо пас аз бозгашт аз зиёрати муқаддас ҳамчун тарғибгарони накӯӣ ва маърифат дар корҳои маънавию тарбиявӣ, ки дар оила ва маҳаллаҳо, дар тамоми ҷомеа амалӣ мегарданд, фаъол иштирок мекунанд.*

*Аз фурсат истифода намуда, ба дӯстону ҳамкорони мусулмони худ дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон низ табрикоти гарму самимии худро ирсол намуда, барояшон сулҳ, шукуфоӣ ва фаровонӣ таманно мекунем.*

*Ҳамватанони азиз!*

*Имсол низ ба муносибати Иди Қурбон чанд рӯзи истироҳат муайян карда шуд. Ба ҳамватаноне, ки дар ин рӯзҳои идона ҳам, дар хидмати халқ ҳастанд, дар сарҳадҳои Ватан вазифаи худро бо масъулият иҷро мекунанд, миннатдории махсус иброз менамоем.*

*Ҳамчунин, ҳамватанонамонро, ки дар хориҷи кишвар таҳсил ё фаъолият доранд, самимона табрик гуфта, ба ҳамаи онҳо беҳтарин орзуҳоро баён мекунем.*

*Ба Худованди мутаол ҳамду сано бод, ки халқу диёри моро ба чунин айёми муборак дар фазои сулҳу амонӣ ва ҳамҷиҳатӣ расонд!*

*Илоҳо, Парвардигори олам халқу кишвари моро дар паноҳи худ нигоҳ дорад!*

*Иди Қурбон ба ҳамаи мо муборак бод!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.***

# НАҚШАҲО ОИД БА РУШДИ САНОАТИ АНГИШТ ВА ҶОРӢ НАМУДАНИ МЕХАНИЗМҲОИ БОЗОРӢ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимот оид ба ҷорӣ намудани механизмҳои бозорӣ дар саноати ангишт, афзунсозии ҳаҷми истеҳсолот ва лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ шинос шуд.***

Ангишт яке аз манбаъҳои муҳими энергетикӣ дар таъмини эҳтиёҷоти бахшҳои иқтисодиёт, неругоҳҳои барқи ҳароратӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ ва аҳолӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таъминоти устувор, сифати маҳсулот, шаффофияти нарх, муҳити рақобатпазир ва таъмини талаботи экологӣ дар соҳа нақши муҳим доранд.

Агар дар 25 соли аввали истиқлолият истихроҷи ангишт ба ҳисоби миёна аз 3,1 миллион тонна то 4 миллион тонна афзоиш ёфта бошад, дар 9 соли охир ин нишондиҳанда ба 10 миллион тонна расонида шуд. Дар мавсими тирамоҳу зимистони оянда ба 11 миллион тонна расонидани ҳаҷми истихроҷи ангишт ба нақша гирифта шудааст.

Алҳол шумораи соҳибкорони хусусие, ки бо истихроҷи ангишт машғуланд, ба 18-то расид. Тӯли солҳои 2023-2025 аз ҷониби онҳо корҳои геологию ҷустуҷӯӣ густариш ёфта, 2,4 миллион тонна ангишт истихроҷ карда шуд. Барои ин равандҳо 117,2 миллион доллар сармояи хусусӣ равона карда шуд. Аз ҳисоби омехта кардани ангишти Ангрен ва Шарғун ба неругоҳҳои барқи ҳароратӣ 1,5 миллион тонна ангишти маҳаллии ивазкунандаи воридот ва дорои қобилияти баланди сӯзиш расонида шуд.

Дар муаррифӣ масъалаи ба тамоюлҳои бозорӣ гузаронидани ташаккули нархи ангишт баррасӣ гардид.

Гуфта шуд, ки ба таври маъмурӣ муқаррар кардани нархҳо, ки дар амал аст, ба устувории молиявии истеҳсолкунандагон, ворид намудани сармоягузориҳои нав ва имкониятҳои зиёд кардани ҳаҷми истихроҷ таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, пешниҳод гардид, ки аз 1 июни соли 2026 таҷрибаи аз ҷониби давлат муайян кардани нархи ангишт бекор карда шуда, ангишт аз рӯйхати намудҳои стратегии маҳсулоти дорои аҳамияти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби давлат танзим мегардад, хориҷ карда шавад. Дар ин ҳолат, нархи ангишт дар асоси талаб ва пешниҳод ташаккул ёфта, ба истеъмолкунандагон тавассути савдои биржавӣ фурӯхта мешавад.

Ин равиш ба фароҳам овардани муҳити рақобати озод дар соҳа, таъмини шароити баробар барои ҳамаи иштирокдорон ва ҳавасмандсозии истеҳсолкунандагон барои ҳаҷми иловагӣ ва сифат хидмат хоҳад кард. Неругоҳҳои барқи ҳароратӣ ва истеъмолкунандагони бузург метавонанд ангиштро дар асоси тартиби «дархости пешниҳод» бо нархҳои миёнаи биржавии давраи ҳисоботӣ харидорӣ намоянд.

Барои таъмини устувори аҳолӣ ва муассисаҳои буҷетӣ бо ангишт механизми алоҳида ҷорӣ карда мешавад. Истеҳсолкунандагони ангишт маҳсулотро дар савдои биржа тавассути майдони алоҳидаи савдо ба соҳибкорони таъминкунанда мефурӯшанд. Соҳибкорон дар асоси меъёрҳое, чун мавҷудияти анбор, техника ва рейтинги андоз, тавассути низоми электронӣ интихоб карда мешаванд.

Бо мақсади бартараф намудани тафовути нархи ангиште, ки ба аҳолӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ дар саросари ҷумҳурӣ расонида мешавад, ҳамлу нақли он тавассути роҳи оҳан бар асоси тарифи ягона амалӣ мегардад. Фаъолияти Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Кӯмир таъминот» қатъ гардида, 96 анбори ангишт ва техникаи мавҷудаи минтақаҳо тавассути музояда фурӯхта мешаванд.

Ба масъалаи дастгирии қишри ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманди аҳолӣ диққати махсус дода шуд. Ба оилаҳое, ки дар Феҳристи иҷтимоӣ сабти ном гардидаанд ва тавассути портали Mycoal.uz ангишт харидорӣ мекунанд, дар моҳҳои июн-декабри соли ҷорӣ то 600 ҳазор сӯм кумаки якдафъаинаи моддӣ ҷудо карда мешавад. Ин тадбир ба ҳифзи ҳадафманди оилаҳои ниёзманд дар шароити гузариш ба механизмҳои бозорӣ равона шудааст.

Бинобар сифат ва амнияти экологии ангишти воридотӣ низ талаботи нав ҷорӣ мегардад. Барои ангиште, ки ба ҳудуди ҷумҳурӣ ворид мешавад, меъёрҳо вобаста ба миқдори сулфур, калориянокӣ ва дигар нишондиҳандаҳо таҳия хоҳанд шуд. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ истифода ва фурӯши ангишти воридотие, ки ба талаботи экологӣ ва сифати муайяншуда ҷавобгӯ нест, манъ карда мешавад. Минбаъд воридоти ангишт танҳо тавассути роҳи оҳан амалӣ хоҳад шуд.

Дар тақдимот дар бораи лоиҳаи сармоягузорӣ барои азхудкунии кони ангишти Нишбош низ маълумот дода шуд. Захираи умумии ин лоиҳа 233 миллион тонна буда, иқтидори солонаи истихроҷ 10 миллион тоннаро ташкил медиҳад. Дар доираи лоиҳа, ки 494 миллион доллар арзиш дорад, 880 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Ҳамчунин, дар заминаи ин кон бунёди неругоҳи нави барқи ҳароратӣ бо иқтидори умумии 1,4 гигаватт пешниҳод гардид. Тибқи лоиҳа, 1,3 миллиард доллар сармоя ҷалб гардида, бо истифода аз технологияҳои фавқулодда баланди критикӣ 4 энергоблок, ки ҳар яке 350 мегаватт иқтидор доранд, сохта мешаванд.

Дар раванди сохтмон 1500 ҷойи корӣ ва баъд аз пурра ба кор даромадани лоиҳа 310 ҷойи нави корӣ таъсис меёбад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна 9,8 миллиард киловатт-соат неруи барқ истеҳсол намудани неругоҳ ва тавассути ин фароҳам овардани имкони сарфаи 2 миллиард метри мукааб гази табиӣ дар назар аст.

Инчунин, дар муаррифӣ масъалаҳои маҳаллисозӣ дар саноати кӯҳу кон ва рушди кооператсияи саноатӣ баррасӣ гардиданд. Аҳамияти зиёд кардани ҳиссаи маҳсулоти маҳаллӣ дар лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ, муттаҳид намудани эҳтиёҷоти комбинатҳои бузург ва корхонаҳои соҳавӣ, инчунин дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ дар асоси шартномаҳои дарозмуҳлат таъкид гардид.

Тибқи таҳлилҳо, дар саноати кӯҳу кон имкони ба 2,1 миллиард доллар расонидани иқтидори ҷойгузинии воридот мавҷуд аст. Ин пеш аз ҳама, аз ҳисоби маҳаллисозии истеҳсоли техника, қисмҳои эҳтиётӣ, реагентҳои кимиёвӣ ва агрегатҳои бузург таъмин мегардад.

Дар робита ба ин, таҳияи Стратегияи маҳаллисозӣ дар саноати кӯҳу кон, ки барои солҳои 2027-2030 пешбинӣ гардидааст, супориш дода шуд.

Сарвари давлат пешниҳодҳоро маъқул дониста, ба мутасаддиён супоришҳои дахлдор дод.

**ЎзА.**

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

***Ба муносибати Иди мубораки Қурбон – Ийд ал-Адҳа, ки дар худ арзишҳои олиҷаноби умумибашарӣ, чун инсонпарварӣ, меҳру мурувват ва таҳаммулпазириро таҷассум менамояд, ба номи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев аз роҳбарони давлат ва ҳукуматҳои хориҷӣ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин арбобони маъруфи сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва динӣ номаҳои табрикӣ мерасанд.***

Ҳамкорони хориҷӣ дар паёмҳои табрикии худ ба халқи сермиллати Ўзбекистон эҳтирому арҷгузории самимии худро баён намуда, ба кишвари мо сулҳ, фаровонӣ ва пешрафт орзу кардаанд, ислоҳотеро, ки бинобар таъмини озодии виҷдон ва эътиқод, расидан ба рушди устувор ва арҷгузорӣ ба қадри инсон амалӣ мешаванд, баланд арзёбӣ карда, омодагии қатъии худро барои таҳкими минбаъдаи дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанба таъкид менамоянд.

Аз ҷумла, инҳо табрикоти худро ирсол карданд:

Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон **Қосим-Ҷомарт Тоқаев;**
Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон **Садир Ҷапаров;**
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон;**
Президенти Туркманистон **Сердар Бердимуҳамедов;**
Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон **Гурбангулӣ Бердимуҳамедов;**
Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон **Илҳом Алиев;**
Президенти нахустини Ҷумҳурии Қазоқистон **Нурсултон Назарбоев;**
Президенти Ҷумҳурии Туркия **Реҷеп Тайиб Эрдӯғон;**
Президенти Ҷумҳурии Арабии Миср **Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ;**
Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб **Шайх Муҳаммад бин Зоид Оли Наҳаён;**
Ноиб-президенти Аморати Муттаҳидаи Араб, Сарвазир, ҳокими аморати Дубай **Шайх Муҳаммад бин Рошид Ол Мактум;**
Ноиб-президенти Аморати Муттаҳидаи Араб, муовини Сарвазир, вазири корҳои президентӣ **Шайх Мансур бин Зоид Ол Наҳаён;**
Муовини Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб, вазири корҳои дохилӣ **Шайх Сайф бин Зоид Ол Наҳаён;**
Амири Давлати Кувайт **Шайх Мишъал ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ;**
Валиаҳди Давлати Кувайт **Шайх Сабоҳ ал-Ҳолид ал-Ҳамад ас-Сабоҳ;**
Подшоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун **Абдулло II;**
Султони Уммон **Ҳайсам бин Торик;**
Подшоҳи Баҳрайн **Ҳамад бин Исо Ол Халифа;**
Президенти Ҷумҳурии Демократии Халқии Алҷазоир **Абдулмаҷид Таббун;**
Президенти Давлати Фаластин **Маҳмуд Аббос;**
Вазири давлатии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, узви Шӯрои Вазирон Туркӣ **бин Муҳаммад бин Фаҳд бин Абдулазиз Ол Сауд;**
Дабири кулли Созмони ҳамкории исломӣ **Ҳусайн Иброҳим Тоҳа;**
Дабири кулли Созмони давлатҳои туркӣ **Кубаничбек Омуралиев;**
Раиси Идораи мусулмонони Қафқоз **Шайхулислом Оллоҳшукур Пошозода.**

*Расидани табрикот идома дорад.*

*Оғози ҷашвораи байналхалқии 65-уми гулҳо дар Намангон бо баробари ҷамъ намудани ягонагии зебоии санъат, табиат ва қалби инсон ба атрофи худ, вакилони миллатҳои гуногунро ба сулҳу субот даъват менамояд.*

*Тантанаҳои хоси идона аз ҳудуди дарвозаи асосии ҳавоии водӣ – аэропорти байналхалқии Намангон бо автопаради гулҳо оғоз гардид. Дар замири ин автопарад самараи сиёсати одилонаи бардавомии осудагӣ ва фаровоние, ки дар Ўзбекистони Нав ҳукмфармост, муҷассам ёфтааст.*

*Таъкид намудан ҷоиз аст, ки соли 2025 дар ҷараёни тайёрӣ ба ҷашнвора дар миқёси вилоят 100 миллион туп ниҳоли гул парвариш карда буданд. Имсол онро ба 150 миллион туп расонданд. Аз ҷумла, дар боғи маданият ва истироҳати ба номи Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар давоми як моҳ аз ҷониби ҷамоа зиёда аз 29 миллиону 600 ҳазор гул шинонда шуд.*

*Дар натиҷаи чунин лоиҳаи бузург шаҳри Намангон боз ба як комёбии таърихӣ ноил гардида, аз рӯйи номинатсияи «Бештарин гули шинондашудаи ҷамоа дар муддати як моҳ» ба китоби рекордҳои Гиннес расман дохил гардид. Ин муваффақият салоҳияти баланди ба бунёдкорӣ, ободгардонӣ, экология ва сайёҳӣ равонашудаи намангониҳоро боз як карра нишон дод.*

***Суратгир: Ҳотам МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***




# ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУСОИД БАРОИ РУШДИ ТИҶОРАТИ ХУРД БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии пешниҳодоте, ки ба фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоиди иқтисодиву маъмурӣ барои рушди субъектҳои тиҷорати хурд нигаронида шудаанд, шинос гардид.***

Тиҷорати хурд аз бахшҳои муҳиме ба ҳисоб меравад, ки дар иқтисодиёт шуғл, даромад ва муҳити рақобатро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, солҳои охир дар самти дастгирии соҳибкорӣ, кам кардани бори андоз ва содасозии хидматҳои давлатӣ тадбирҳои пайваста амалӣ мегарданд.

Бо вуҷуди ин, баъзе тартиботи ҷорӣ ба рушди табиии тиҷорат монеа эҷод мекунанд. Бахусус, агар даромади субъектҳои тиҷорати хурд то 1 миллиард сӯм бошад, дар низоми содакардашудаи андоз фаъолият менамоянд. Аммо аз ин меъёр зиёд шавад, онҳо андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва андози фоидаро пардохт мекунанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# БАРРАСИИ РАВАНДИ ИҶРОИ ЛОИҲАҲОИ БУЗУРГИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимот оид ба рушди инфрасохтори нақлиёт шинос гардид.***

Инфрасохтори нақлиёт дар пайвастсозии мутақобилаи бахшҳои иқтисодиёт, пурра ба кор даровардани иқтидори минтақаҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ ва тиҷорат нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, дар мамлакат ба рушди роҳҳои автомобилгард, авиатсия, логистика ва долонҳои байналмилалии нақлиёт диққати махсус дода мешавад.

Дар муаррифӣ пеш аз ҳама, лоиҳаи сохтмони роҳи алтернативии автомобилгарди «Тошканд – Самарқанд» баррасӣ гардид. Дарозии ин роҳ 282 километр буда, вилоятҳои Тошканд, Сирдарё, Ҷиззах ва Самарқандро ба ҳам мепайвандад. Роҳ тибқи тоифаи I-а, бо рӯйпӯши сементу бетон сохта шуда, дар ҳар ду самт се хатти ҳаракат мавҷуд хоҳад буд. Суръати лоиҳавии он дар як соат 150 километрро ташкил медиҳад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Ислоҳоти рақамӣ*

# РАҚАМИСОЗИИ ИҚТИСОДИЁТ — ПОЙДЕВОРИ ТАРАҚҚИЁТИ ЗАМОНИ НАВ

***Дар асри XXI ҷаҳон бо суръате тағйир меёбад, ки то чанд даҳсола пеш тасаввураш ҳам душвор буд. Технологияҳои рақамӣ на танҳо тарзи муошırату зиндагии одамонро дигар карданд, балки ба муҳаррики асосии рушди иқтисодиёти кишварҳо табдил ёфтанд. Имрӯз иқтисодиёти қавӣ дигар танҳо ба захираҳои табиӣ ё истеҳсолоти бузург такя намекунад: дониш, технология ва рақамисозӣ ба сармояи асосии давлатҳо мубаддал шудаанд. Аз ҳамин рӯ, мафҳуми «иқтисоди рақамӣ» бештар ба гӯши ҷомеа мерасад. Аммо рақамисозии иқтисодиёт дар асл чӣ маъно дорад ва чаро онро пойдевори тараққиёт меноманд?***

Чанд сол пеш барои анҷоми як амалиёти бонкӣ ё гирифтани маълумотнома одамон маҷбур буданд соатҳо дар навбат истанд. Имрӯз бошад бо чанд гуфтугӯйи гӯшаки мобилӣ метавон маблағ интиқол дод, харид анҷом дод, ҳисобҳоро пардохт намуд ва ҳатто бисёр хидматрасониҳои давлатиро дастрас кард. Ин дигаргунӣ маҳз самараи рақамисозӣ мебошад.

Рақамисозии иқтисодиёт – ворид намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба тамоми бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ аст. Аз идораҳои давлатӣ то корхонаҳои истеҳсолӣ, аз соҳаи маориф то тандурустӣ – ҳама ба тадриҷ ба низоми рақамӣ мегузаранд.

Коршиносон бар ин назаранд, ки иқтисодиёти рақамӣ метавонад суръати рушдро зиёд, сифати хидматрасониҳоро беҳтар ва шаффофияти идоракуниро тақвият бахшад.

Имрӯз рақобат миёни кишварҳо бештар дар майдони технология ҷараён дорад. Давлатҳое, ки тавонистаанд технологияҳои муосирро ба иқтисодиёти худ ворид созанд, дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи устувортар доранд.

Рақамисозӣ барои соҳибкорон имкониятҳои нав фароҳам меоварад. Мисолан, тиҷорати электронӣ дигар сарҳад намешиносад. Соҳибкор метавонад маҳсулоти худро на танҳо дар бозори маҳаллӣ, балки ба муштариёни хориҷӣ низ пешниҳод кунад.

Дар истеҳсолот бошад, автоматикунонӣ ва барномаҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки вақт сарфа шавад, хароҷот коҳиш ёбад ва сифати маҳсулот беҳтар гардад. Бисёр ширкатҳои муосир имрӯз фаъолияти худро тавассути таҳлили маълумот, зеҳни сунъӣ ва идоракунии рақамӣ ба роҳ мемонанд. Таъкид шудааст, ки дарояндаи наздик маҳз технологияҳо самтҳои асосии иқтисоди ҷаҳонро муайян хоҳанд кард.

Шояд баъзеҳо гумон кунанд, ки иқтисоди рақамӣ танҳо ба мутахассисони соҳаи IT ё ширкатҳои бузург дахл дорад. Аммо воқеият дигар аст, рақамисозӣ имрӯз ба қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҳар инсон табдил ёфтааст. Пардохти ғайринақд, хидматрасониҳои онлайн, омӯзиши фосилавӣ, савдои интернетӣ, кор аз роҳҳои дур, дар хона нишаста хариди чипта ба тайёра ва қатора, хариди маҳсулот ва пардохти он ва ҳоказо – ҳамаи ин нишонаҳои зиндагии рақамии муосир мебошанд.

Махсусан, ҷавонон аз имкониятҳои технология бештар истифода мебаранд. Имрӯз ҳазорон нафар тавассути барномасозӣ, маркетинги рақамӣ, дизайн, тарҷума ва дигар хидматрасониҳои онлайн фаъолият намуда, даромад ба даст меоранд. Ба ибораи дигар, технология бозори нави меҳнатро ба вуҷуд овардааст.

Яке аз бартариҳои муҳими рақамисозии иқтисодиёт баланд бардоштани шаффофият мебошад. Вақте хидматрасониҳо ба шакли электронӣ анҷом меёбанд, равандҳо равшантар ва назорат осонтар мегардад. Инчунин, истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонанд таъсири омилҳои инсонӣ ва расмиёти зиёдатиро коҳиш диҳад. Барои шаҳрвандон ин маънои дастрасии зудтар, қулайтар ва осонтарро дорад.

Дар бисёр кишварҳо ҳукумати электронӣ аллакай ба як модели муваффақи идоракунӣ табдил ёфтааст. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки рақамисозӣ метавонад муносибати давлат ва ҷомеаро ба сатҳи нав барорад.

Бо вуҷуди пешрафтҳо рақамисозии иқтисодиёт танҳо ба хариди техника ё тавсеаи интернет анҷом намеёбад. Дар ин раванд омили асосӣ инсон аст.

Ҷаҳон ба марҳилаи нави рушд ворид шудааст ва дар ин раванд технология нақши ҳалкунанда дорад. Рақамисозии иқтисодиёт дигар масъалаи фардо нест – он воқеияти имрӯз аст.

Дар ин раванд Фармони Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ ҷиҳати идомаи муттасили ислоҳот ва ба марҳилаи нав баровардани он дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди кишвар то соли 2030» (ФП № 21 аз 16. 02. 2026) қабул гардид. Мақсади асосии ин фармон пеш аз ҳама муайян кардани нишондиҳандаҳои самаранокӣ бо дарназардошти дастовардҳо ва мушкилоти мавҷуда дар доираи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», рақамисозии пурраи раванди назорат ва мониторинги иҷрои мақсадҳои Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» мебошад.

Рушди рақамисозӣ дар афзоиши иқтисодиёти Ӯзбекистон ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ нақши муҳим мебозад. Ҳукумат трансформатсияи рақамисозиро ҳамчун рӯзномаи асосии стратегии худ қарор додааст. Барномаҳои зиёде таҳия шудаанд, аз ҷумла Стратегияи «Ӯзбекистони рақамӣ – 2030» ва «Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026».

Ҳамчунин зикр гардидааст, ки барои беш аз 200 ҳазор ҷойҳои корӣ дар кишвар ҳудуди 600 ҳазор нафар довталабони нав рақобат карда, имрӯз аз ҷониби ҳукумат ҷиҳати ташкили ҷойҳои кории муносиб барои ҷавонон, таҳкими дониш ва таҷрибаи онҳо доири рақамисозӣ, зиёд намудани хидматрасониҳои аутсорсинги равандҳои бизнес (BPO), таъсиси ҷойҳои кории фосилавӣ дар Ӯзбекистон, хусусан дар деҳот, тадбирҳо андешида, ба нишондиҳандаҳои нав ноил мегарданд.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки рақамисозии иқтисодиёт танҳо воситаи техникӣ нест, балки пойдевори тараққиёти замони нав мебошад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**шореҳи «Овози тоҷик».**

# ЭҲТИРОМИ ХОТИРАИ УСТОДОНИ ҲАҚИҚИИ САНЪАТИ БАЛЕТ

***Дар Академияи давлатии хореографии Ӯзбекистон бахшида ба хотираи арбобони номии фарҳанг ва ҳунари кишвар чорабинии маънавиву маърифатӣ баргузор шуд.***

Ин тадбир нафақат гиромидошти устодони даргузашта буд, балки боз барои насли ҷавон сабақе гардид, ки бозгӯ-йи ҷовидонии санъат ва ҳунари воқеӣ мебошад.

Саҳифаи аввалин ва бахусус муассири арҷгузорӣ ба хотираи Ҳалима Комилова – балеринаи машҳури ӯзбек бахшида шуд, ки номаш барҳақ дар таърихи рақси миллӣ бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст. Тӯли солҳои зиёд Ҳалима Олимовна ба саҳна баромада, бо нирӯ ва ҳусни нотакрори рақси худ дилҳои бинандагонро тасхир мекард. Ҳар як баромади ӯ дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ воқеаи махсус мегардид. Унвони баланди Ҳунарпешаи халқии ҷумҳурӣ эътирофи ҳақиқии саҳми бузурги ӯ дар рушди санъати балети ватанӣ мебошад.

Дар арафаи 100-умин солгарди мавлудаш ҳозирон аз ин ҳунарманди бесобиқа бо сипосу эҳтироми амиқ ёд карданд. Дар ҷамъомад маводи бойгонӣ намоиш дода шуданд, ҳунарпешаҳои ҷавон саҳнаҳоеро аз намоишномаҳое, ки дар онҳо замоне Ҳалима Комилова ҳунарнамоӣ мекард, тақдим карданд.

Ёдбуди Гулнора Маваева – боз як ҳунарпешаи номӣ ва омӯзгори машҳур, ки соли 2025-ум вафот кард, бо эътибор ва эътирофи махсус таҷлил гардид.

Гулнора Низомовна як нафари ба назар намоёни насли машҳури устодоне ба шумор мерафт, ки бо меҳнати фидокоронаи худ санъати касбии моро сомон доданд ва ба дараҷаи баланд бардоштанд. Мавсуф қалби бинандагонро бо офаридани симоҳои дурахшони саҳнавӣ ва иҷрои амиқи онҳо тасхир менамуд. Ӯ ҳамчун устоду мураббӣ насли зиёди ҳунарпешагонро, ки баъдан ифтихори саҳнаи Ӯзбекистон гардиданд, тарбия кард, ба воя расонид.

Иштирокдорони чорабинӣ якдилона изҳори умед карданд, ки чунин вохӯриҳои ёдкарду ёдбуд ба анъанаи доимӣ табдил хоҳанд ёфт. Номи барҳақ ҳунарпешагони халқӣ Ҳалима Комила ва Гулнора Маваева дар таърихи санъати Ӯзбекистон, дар қалби ҳаводорону ҳавохоҳони ин санъат боқӣ хоҳад монд. Ҳаёт, эҷодиёт ва мероси бесобиқаи онҳоро мо бояд эҳтиёт кунем, омӯзем ва ба насли оянда боқӣ гузорем.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**ӮзА.**

# ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУСОИД БАРОИ РУШДИ ТИҶОРАТИ ХУРД БАРРАСӢ ШУДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ин меъёр ҳанӯз соли 2019 муайян гардида буд ва дар мӯҳлати сипаришуда нархҳо ба таври назаррас боло рафтанд. Дар натиҷа, баъзе соҳибкорон ҳангоми наздик шудан ба ҳадди 1 миллиард сӯм, ба пинҳон кардани гардиш, надодани чек ё ба якчанд субъект ҷудо намудани тиҷорат мегузаранд.

Дар тақдимот пешниҳод гардид, ки аз 1 июни соли 2026 ҳадди гузариш ба низоми умумии андоз барои тиҷорати хурд аз 1 миллиард то 5 миллиард сӯм зиёд карда шавад.

Ҳамчунин, ташаббуси барои соҳаҳои хӯроки умумӣ, савдо ва хидматрасонӣ ҷорӣ намудани тартиби содакардашудаи пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба миён гузошта шуд. Мувофиқи он, соҳибкорон метавонанд андоз аз арзиши иловашударо ихтиёрӣ бо меъёри 6 фоиз пардохт намуда, аз супоридани андоз аз фоида озод гарданд ё фаъолияти худро тибқи тартиби амалкунандаи умумӣ идома диҳанд.

Бо ин роҳ раванди ҳисоб ва пардохти андоз барои тиҷорати хурд содатар гардида, бори маъмурӣ кам мешавад, инчунин ҳавасмандӣ ба пинҳон кардани гардиш ва ба таври сунъӣ тақсим кардани тиҷорат коҳиш меёбад.

Ҳамчунин, мушкилоти марбут ба маъмурияти ААИ таҳлил гардиданд. Дар соҳибкороне, ки ба низоми ААИ гузаштаанд, ҳисобот ду баробар афзоиш ёфтааст. Соли 2025 аз миёни андозсупорандагоне, ки дар ҳисоботҳояшон хато ошкор шудааст, 77 фоизаш ба пардохткунандагони ААИ рост омадааст.

Аз ин рӯ, ба таври автоматӣ баргардонидани фарқи манфии ААИ барои соҳибкорони дорои сатҳи пасти хавф, бекор кардани тартиби муваққатан боздоштани гувоҳномаи пардохткунандаи ААИ, аз нав баррасӣ намудани амалиёти ҳатмии гузариш ба ААИ ҳангоми воридот ва автоматӣ намудани раванди кушодани суратҳисоби бонкӣ пешниҳод гардид.

Бо мақсади кам кардани фишори маъмурӣ нисбат ба субъектҳои тиҷорати хурд пешниҳод шуд, ки ба соҳибкорон имкони мустақилона ислоҳ кардани хатоҳо дода шавад. Инчунин, тартиботе роҳандозӣ гардад, ки дар ҳолатҳои мавҷудияти хавфи андоз то 500 миллион сӯм, аудити андоз ва агар то 100 миллион сӯм бошад, санҷиши сайёри андоз гузаронида нашавад.

Дар соҳаи хӯроки умумӣ ва хидматрасониҳои меҳмонхона низ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, иҷозат додан ба фурӯши маҳсулоти машруботӣ ва тамоку ба шакли нақдӣ, бекор кардани талабот оид ба ҳиссаи даромади ғайринақдӣ ҳангоми баргардонидани қисми ААИ ва ба таври содакардашуда ба расмият даровардани баъзе кормандон пешниҳод гардид.

Тавассути татбиқи ин чораҳо барои беш аз 600 ҳазор субъекти тиҷорати хурд фароҳам овардани имконияти рушди қонунӣ дар назар аст. Аз ҳисоби шаффоф гардидани пойгоҳи андоз, ҳамасола ба буҷет вуруди на камтар аз 2 триллион сӯм даромади иловагӣ пешгӯӣ карда мешавад.

Сарвари давлат ин пешниҳодҳоро дастгирӣ намуда, ба масъулон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ва одилона барои тиҷорати хурд, тавассути содасозӣ ва рақамикунонии маъмурияти андоз, таҳкими эътимоди соҳибкорон ва ҳавасманд намудани онҳо барои густариши фаъолият дастурҳои дахлдор дод.

**ӮзА.**

# БАРРАСИИ РАВАНДИ ИҶРОИ ЛОИҲАҲОИ БУЗУРГИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар доираи лоиҳа сохтмони 12 роҳҳали нақлиётӣ, 60 гузаргоҳи нақбӣ, 91 пул, 16 роҳгузар, 258 иншооти заҳбур (дренаж) ва ҷорӣ намудани низоми интеллектуалии нақлиёт пешбинӣ шудааст. Инчунин, 12 терминал, инфрасохтори канори роҳ ва низоми вазнченкунӣ бунёд мегардад.

Супориш дода шуд, ки раванди музокира бо сармоягузорони боиқтидорро суръат бахшида, корҳои сохтмон дар мӯҳлатҳои кӯтоҳ оғоз гарданд.

Дар мамлакат ҷиҳати ташаккули экосистемаи нав дар соҳаи авиатсия низ корҳои густурда амалӣ мегарданд.

Бахусус, 7 фурудгоҳи байналмилалии минтақаҳо дар асоси талаботи замон бозсозӣ мешаванд. Дар ноҳияҳои Мӯйноқ, Қӯқанд, Зомин, Шаҳрисабз, Сариосиё ва Сӯх фурудгоҳҳои нав бунёд гардида, шумораи онҳо ба 18 адад расонида шуд.

Бахусус, барои ташкили фаъолияти Фурудгоҳи байналмилалии Навоӣ дар асоси тамоюлҳои идоракунии лоиҳавӣ ва баланд бардоштани мустақилияти тиҷоратии он тадбирҳо андешида мешаванд. Ба фурудгоҳ ҳуқуқ дода шудааст, ки бо ширкатҳои ҳавопаймоии дохиливу хориҷӣ оид ба ҳамлу нақли мусофирону бор, парвозҳои транзит ва нишастҳои техникӣ мустақилона музокира гузаронда, шартномаҳо ба имзо расонад.

То соли 2030 ба 2,3 баробар зиёд намудани парвозҳо ва ба 7 ҳазор парвоз расонидани он дар як сол, ба 150 ҳазор нафар баровардани интиқоли мусофирон ва ба 45 ҳазор тонна расонидани ҳаҷми боркашонӣ дар назар аст. Инчунин, дар ҳудуди фурудгоҳ минтақаи озоди «порто-франко» таъсис дода мешавад, ки ба хидматрасониҳои техникӣ ва тиҷоратӣ барои ҳавопаймоҳо ихтисос меёбад.

Дар муаррифӣ лоиҳаи сохтмони Фурудгоҳи байналмилалии Тошканди Нав низ баррасӣ гардид.

Ин фурудгоҳ дорои иқтидори хидматрасонӣ ба 20 миллион мусофир дар як сол хоҳад буд. Масоҳати терминали мусофирбарӣ 208,4 ҳазор метри мураббаъро ташкил намуда, 169 таваққуфгоҳ барои ҳавопаймоҳо ва 2 хатти парвозу фуруд, ки ҳар кадоме 4 километр дарозӣ дорад, сохта мешаванд.

То ҳол дар асоси талаботи ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ корҳои арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ анҷом дода шудаанд. Дар ҳудуди лоиҳа корҳои кӯчонидани канал, коллекторҳо ва шабакаҳои барқ оғоз шудааст. Ҳоло музокираҳо бо ташкилотҳои лоиҳакаш ва пудратчиён идома доранд.

Масъалаи таъмини корхонаҳои авиатсияи шаҳрвандӣ бо сӯзишвории авиатсионӣ низ баррасӣ гардид.

Иқтидори умумии маҷмааҳои пур кардани сӯзишвории фурудгоҳҳо 49 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. То соли 2030 зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли дохилии сӯзишвории авиатсионӣ соле то 600 ҳазор тонна ва иқтидори нигоҳдории он то 80 ҳазор тонна ба нақша гирифта шудааст. Бо ин мақсад, дар фурудгоҳҳои байналмилалии Навоӣ, Андиҷон, Бухоро, Урганч ва Тошканди Нав иқтидорҳои нави нигоҳдорӣ бунёд мегарданд.

Зарурати марҳила ба марҳила ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани равандҳои нигоҳдорӣ ва пур кардани сӯзишворӣ таъкид гардид. Дар соли ҷорӣ пурра рақамӣ намудани раванди идоракунии маҷмааҳои пур кардани сӯзишворӣ ва ҷорӣ намудани назорати бонизоми давлатӣ аз болои риояи талаботи равандҳои технологӣ дар фаъолияти маҷмааҳои пур кардани сӯзишвории фурудгоҳҳо муқаррар гардид.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки дар рушди инфрасохтори нақлиёт самарадории иқтисодии лоиҳаҳо, сифати сохтмон, талаботи бехатарӣ ва шароити мусоид барои аҳолӣ бояд меъёри асосӣ бошанд ва дар ин самт дастурҳои дахлдор дод.

**ӮзА.**

# ИҚДОМИ ШОИСТА БАРОИ ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ОБ

***25 майи соли равон дар маҷмааи «Кохи Сомон»-и шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистон Конфронси 4-уми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 кори худро оғоз кард.***

Ҳайатҳои баландпояи давлатҳои аъзои СММ, намояндагони сохторҳои он, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, муассисаҳои молиявии байналмилалӣ, корпусҳои дипломатӣ, доираҳои илмӣ ва академӣ, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ҷавонон ва занон, инчунин дигар шарикони рушд иштирокдорони чорабинианд.

Конфронсро тақрибан 400 намояндаи воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла зиёда аз 100 хабарнигори хориҷӣ аз агентӣ ва шабакаҳои пешбари ҷаҳонӣ инъикос мекунанд. Илова бар ин, ба ташкили чорабинӣ беш аз 150 волонтёр ҷалб гардидаанд.

Дар рӯзи аввал форумҳои пешазконфронсӣ, чорабиниҳои мавзуӣ ва мувозӣ, вохӯриҳои коршиносон, ҷамъомадҳои ҷавонон ва занон, инчунин барномаҳои фарҳангӣ ва Фестивали об баргузор гардиданд.

Рӯзи дуюм – зимни ифтитоҳи чорабинӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбарони ҳайатҳои ҳукуматҳои кишварҳо, созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва коршиносони сатҳи баланд, аз ҷумла Сарвазири Бурундӣ Нестор Нтахонтуэ, раиси Девони Вазирони Қирғизистон, вазири кишоварзӣ ва саноати коркард Эрлист Акунбеков, муовини раиси Девони Вазирони Туркманистон Тангригулӣ Атахаллиев, фиристодаи махсуси СММ хонум Ретно Марсуд ва дигарон таъкид карданд, ки Раванди оби Душанбе, ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Милал ба роҳ монда шудааст ва ҳоло ба платформаи эътирофшудаи байналмилалӣ барои пешбурди гуфтугӯ ва амалҳои муштарак дар соҳаи захираҳои об табдил ёфтааст.

Зикр гардид, ки ҳоло миллиардҳо нафар ба оби нӯшокии бехатар ва хизматрасониҳои беҳдоштӣ дастрасӣ надошта, наздик ба 4 миллиард сокини сайёра ҳар сол ҳадди ақал як моҳ бо норасоии шадиди об дучор мешаванд. Ин тамоюлҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар оянда дастрасӣ пайдо накардани мардум ба оби ошомиданӣ ба таври назаррас зиёд хоҳад шуд.

Тибқи таҳқиқоти нави коршиносон, талаботи ҷаҳон ба оби ошомиданӣ то соли 2050 ҳадди ақал то 25 дарсад зиёд мешавад ва ин зарурати истеҳсоли 50 фоиз бештари ғизоро барои аҳолии рӯ ба афзоиш тақозо менамояд.

Ҳамзамон, як қатор ҷамъомадҳои пленарии сатҳи баланд, мавзӯӣ ва намоишгоҳи байналмилалӣ доир гардида, иштирокчиён ба масъалаҳои таъмини идомаи пайвастагӣ байни Конфронси СММ оид ба захираҳои оби соли 2023 ва Конфронси СММ оид ба оби соли 2026, густариши ҳамкории байналмилалӣ, ҷалби сармоягузорӣ ба бахши об, идоракунии устувори захираҳои об ва суръат бахшидан ба расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор диққати махсус доданд.

Дар доираи нӯҳ муҳокимаи мавзӯӣ аз рӯйи самтҳои «Об барои мардум», «Об барои шукуфоӣ», «Об барои сайёра» ва амсоли ин мубодилаи афкор намуда, ҳамчунин масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ, равандҳои бисёрҷониба ва сафарбарсозии захираҳои молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳои марбут ба обро баррасӣ карданд.

Гуфта шуд, ки конфронс ҷиҳати таҳияи қарорҳои муштарак дар робита ба муқовимат бо чолишҳои муосир, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, камбуди захираҳои об, таъмини санитария ва рушди устувор ба майдони муҳими байналмилалӣ табдил хоҳад ёфт.

Дар доираи конфронс инчунин ҷамъомади омодагии минтақавии Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои Осиё ва уқёнуси Ором (ЭСКАТО СММ) баргузор мегардад, ки ба таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва ҳамоҳангсозии саҳми кишварҳои минтақа дар Конфронси СММ оид ба захираҳои об дар соли 2026 равона шудааст.

Ҳамчунин, намоишгоҳи байналмилалӣ оид ба технологияҳои муосир, навоварӣ ва ташаббусҳо дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои об, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор ташкил шудааст.

Бояд гуфт, ки дар анҷом барои иштирокдорони хориҷӣ ташкили сафарҳои сайёҳӣ ва боздидҳои саҳроӣ дар назар аст, ки барои омӯхтани таҷрибаи Тоҷикистон дар идоракунии захираҳои об, энергетикаи обӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мусоидат мекунад.

Аз рӯйи натиҷаҳои асосии конфронс қабули Эъломияи ҷамъбастӣ низ дар назар аст.

**Мухбири рӯзнома.**



*Ҷашнвораи анъанаҳои маданӣ ва таомҳои миллӣ, ки дафъаи 22-юм ҳамчун амали хайрия аз ҷониби Хидмати дипломатии Вазорати корҳои ҳориҷии Ӯзбекистон баргузор мегардад, ин дафъа низ бо иштироки намояндагони зиёди мамлакатҳои хориҷӣ чӣ аз ҷониби ваколатхонаҳои расмӣ ва чӣ аз ҷониби намояндагиҳои маданӣ, хеле ҷолиб ва хотирмон баргузор гардид.*

*Шанбеи гузашта Боғи марказии ба номи Мирзо Улуғбеки пойтахт мисли ҷашнвораҳои гузашта серодам ва аз таому шириниии мутанаввеъ фаровон буд.*

***Дар сурат:** лаҳза аз ҷашнвора.*

***Аксбардор: Р.ГАЛЕЕВ.***

*Пажӯҳиш*

# ШОИРИ СУННАТГАРО ВА НАВОВАР

***Паймон дар ҳақиқат аз ҷумлаи ба нудрат шоиронест, ки ҳам ба суннатҳои шакливу ҳунарии шеъри форсии тоҷикӣ дилбохтаву содиқ аст, ҳам дар ин замина бо тозакорию навҷӯиҳо нақш ва ҷойгоҳи худро дар саҳнаи адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳамешагӣ устувор сохтааст. Бахусус, хидмати вай дар ташаккул ва таҳаввули қолаби ғазал, ки дар баъзе давраҳои адабиёти навини форсии тоҷикӣ мавқеи барозандаашро аз даст дода буд, бузург ва мондагор мебошад. Инак, ҷилди дувуми Девони ӯ («Адабиёт», Тошканд, 2025), ки беш аз дусаду ҳафтод ғазал ва се мустазоду се мухаммасро бар ғазалҳои Пайрав, Мирзо Турсунзода ва Бозор Собир дар бар мегирад, нашр шуд, ки баёнгари ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва навҷӯиҳои шоир дар эҷоди сохтори такмилёфтаи мундариҷавӣ ва ғоявии қолибҳои зикршудаи шеъри суннатӣ мебошад.***

Ҳамчунон ки маълум аст, ғазал аз замони Рӯдакӣ то ба имрӯз аз шоеътарин ва писандидатарин қолибҳои шеърӣ буда, дар давоми асрҳо қасидаро ақиб гузошта, худ қолиби роиҷ ва мусаллати шеъри форсии тоҷикӣ гардидааст. Дар шеъри давраи шӯравӣ, ҳарчанд ғазал мавқеи пешинаи худро аз даст дод, ба ҳар сурат боз аз дигар қолибҳои шеърӣ зиёдтар мавриди истифодаи шоирон қарор гирифта буд. Сохтори шаклии ғазали ин давра дигар нашуда бошад ҳам, мазмуну мундариҷа ва ғояи он то ҷое дигар шуд ва ташаккулу таҳаввул ёфт. Аз устод Айниву Лоҳутӣ сар карда, то Пайраву Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотию Мирзо Турсунзода ва нафарони баъдӣ дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавӣ ва жанрии он саҳим будаанд.

Бо вуҷуди беэътиноиҳое бар ин қолиби шеърӣ он мавқеи худро дар шеъри форсии тоҷикӣ то ба имрӯз ҳифз намуд, дар давраҳои баъд шоироне мисли Лоиқ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Нодир Шанбезода, Мастон, Қутбӣ Киром, Аскар Ҳаким ва дигарон дар равнақи он хидмати мондагор кардаанд.

Ҳамчунон ки донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст мегӯяд, ғазали навини тоҷикӣ «аз осори шоирони муосири Эрон ҳам фаротар меравад». Аз ин ҷиҳат, табиист, ки фазои ҷуғрофиёии интишор ва таъсири ғазал тавсиъа ёфта, қаламрави Ӯзбекистони адабпарварро низ фаро гирифтааст, ки ин раванди судмандро наметавон нодида гирифт ва қадр накард.

Тавре зикр шуд, ҷилди дуюми Девони Паймон аз ғазалҳо ва мустазоду мухаммасҳои тӯли солҳои гуногун таълифкардаи ӯ фароҳам омада, баёнгари таъсирпазирии судманд, эҷодкоронаву навҷӯёна дар ташаккул ва таҳаввули ин қолиби шеърӣ мебошад. Воқеан, ғазали Паймон ёдовари «ғазали рӯдакивор» буда, аз ҷиҳати сохтори мундариҷавию жанрӣ ва бадеӣ ин жанри шеъри форсии тоҷикиро таҳаввули хос бахшидааст. Беш аз ин, ҷустуҷӯҳои мундариҷавӣ ва ғоявию бадеии шоир дар эҷоди ғазал таҷрибаи нодир буда, ба шинохт ва арзёбӣ ҳаматарафа ниёз дорад.

Паймон дар эҷоди намунаҳои аввалини ғазал пайрави содиқ ва навовари ин қолиби суннатии шеъри форсии тоҷикӣ буданашро собит карда буд. Мо ин садоқати шоирро дар пешгуфторамон ба унвони «Ғазали лаҳзаҳо, нигоҳҳо ва андешаҳо» барои ҷилди аввали Девони ӯ, ки ҳанӯз соли 2022-юм чоп гардид, таъкид карда будем.

Вақте ки ғазалҳои девони тозанашри Паймонро дар маҷмуъ аз назар мегузаронем, ҷустуҷӯҳои шоир дар ифодаи мазмунҳои тоза ва такмили сохтори мундариҷаи жанрии ин қолиби шеърӣ равшан ба назар мерасад. Ғазалҳои ӯ ба мафҳумҳои аслӣ ва асосии «тоза» ё худ «нав» мувофиқат мекунанд ва аз ҷиҳати мазмуну сохтори бадеӣ тафовутҳои чашмрас доранд. Масалан, ғазали аввалини Девон, ки бо байтҳои –

*Ман, ки аз рӯзи азал ошиқи*
*шайдо зодам,*
*Ба маҳу моҳии ин даҳри дудар*
*дил додам.*

*Ёри ширини ман аз рӯзи нахуст*
*аст замин,*
*Осмон лайлии зебои ман аз*
*милодам.*

*Маззаи оби равон дошт маро*
*лаззати васл,*
*Мушки нобе бирасидӣ зи гулон*
*бо бодам...*

– оғоз мешавад, бо калимоти маънидор дар либоси бадеӣ суруда шуда, монанди тоблуи воқеии рангоранги музайян ҷилва менамояд, ки тарзи тозаи маъниофаринӣ ва тасвири шоирро дар ғазал муайян мекунад.

Паҳлуи дигари ҷустуҷӯҳои шоирро дар ин ғазал аносири маънавӣ ташкил медиҳад, ки нахуст иборат аст аз андешаи зистан ва як таҷрибаи мантиқӣ ва воқеӣ, ки бархоста аз зеҳни андешаманд ва тозаҷӯи шоир аст; аз сӯи дигар, отифаи хоси инсони пӯё дар баробари ин воқеияти ҷаҳони ҳастӣ, ки умеди зистанро аз ӯ салб накардааст. Андешаи зистан барои Паймон хаёли нируманди ӯст, ки тавонистааст ин андеша ва отифаи мансуб ба ҳамаи инсонҳоро дар тасвире хос абадият бахшад ва он таҷрибаи одии зиндагиро дар тасвирҳои ҳолнамо, ки маҳсули ақли ояндабин аст, ҷовидона созад.

Дар ин ва бисёр ғазалҳои ӯ маъшуқ дар фазои тозаи маънавию ахлоқӣ ҳузури тоза пайдо намуда, бо ҳама розҳову ниёзҳояш ҳамчун мавҷуди заминӣ ба тасвир омадааст. Мавҷуди заминии шоир монанди маъшуқи тағаззулӣ пасту беиффат ба назар намеояд. Аслан ин мавҷуд дар нигоҳи шоиронаи Паймон на осмониву рӯҳонӣ ва аз замин канда шудааст, балки ҳастии маънавии ӯро розу ниёзи заминӣ шакл додааст. Аз ин назар, дар ғазалҳои Паймон маъшуқ аз назари ҳусни сурат ва сират бемонанд аст.

Натиҷаи таҷрибаи шоир ин аст, ки ҳеч таҷрибае аз таҷрибаҳои инсонӣ, ки мавзуи шеър, аз ҷумла ғазал аст, бе таъсири воқеият ва тахайюл арзиши шеърӣ ва ҳунарӣ надорад. Ҳодисае метавонад мавзуи шеър қарор гирад, ки аз шуҳуди ҳиссӣ ва хаёли шеърӣ ранг пазируфта бошад, яъне таҷрибае, ки ба ҳадди як шуҳуди ғиноӣ расида бошад. Дар ин ҳол шарт нест, ки ангезаи таҷрибаи шоир як амри азим бошад, балки метавонад, як мавзуи кучак заминаи аслии таҷрибаи ӯ қарор бигирад. Чунончи, дар ғазали зер, ки шоир аз таҷрибаи ҳиссӣ ва ақлонӣ истифода карда, маънии тозаро дар либоси тасвирҳои нав ва ҳолнамо ғунҷондааст, ки бидуни тардид тозагие дар сохтори бадеии ғазал аст:

*Туву ишқи туст ҳар дам,*
*Сабаби нишоту дардам.*
*Тӯӣ то ба гетӣ бо ман,*
*Ба ҷаҳони бахт фардам.*
*Туӣ ҳам сафедбахтӣ,*
*Туӣ низ ранги зардам...*

Ин тарзи маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ дар ғазалҳои Паймон маншаи табиӣ дошта, пеш аз ҳама, хостҳои маънавӣ ва ҳунарии ӯро ифода мекунад, ки аксаран ҳунармандона ва таъсиргузор мебошад.

Таҷрибаи ғазалсароии Паймон қонуниятеро ироа медиҳад, ки чунин шеърҳои ошиқонаи ӯро аз дигарон тафовут медиҳад. Ба ин тартиб, ғазалҳои шоир аксаран мазмунҳои ишқӣ дошта, оҳанги панду ахлоқӣ низ унсури муҳимми сохтори мундариҷавии онҳо мебошад. Аз ин ҷиҳат бештарини ғазалҳои ӯ навҷӯёна буда, ба шакли қатъии ғазали суннатӣ рост намеояд. Ҳатто ғазалҳои суннатияш низ мундариҷаи тозаву тар дошта, такрору забонзад нестанд. Пораҳои зерин аз як ғазали ӯ иқтибос шуданд, ки бо вуҷуди шакли устувори анъанавӣ тозагиҳое дар маъникушоии шоир ба мушоҳида мерасад:

*Навиде то барам аз ҷони ширин ҳар*
*нафас, ҳар дам.*
*Суроғат мекунам, ай ҷони ширин,*
*ҳар нафас, ҳар дам.*

*Бале, ҷуз ҷони ширинат надонам,*
*ҷони ширино,*
*Ки то ҳастам, хушам ман аз ту ҳар*
*ҳин, ҳар нафас, ҳар дам.*

*Ба фарёди дилам фарёдрас*
*ку чун ту, к-ӯ то ман*
*Расад озодаву озод аз кин ҳар*
*нафас, ҳар дам.*

*Диламро аз ғубори дарду чанги ғам*
*амон бидҳанд,*
*Хаёли рӯйи поку мӯйи мушкин*
*ҳар нафас, ҳар дам...*

Андешаву орои ин ғазал дар таъкид ва таъйиди пайванди ҳамешагӣ ва табиии шоир бо «ҷони ширин»-аш буда, тамомият ва ҷазаботу эҳсосоти ӯ воқеӣ ба тасвир омадааст ва дар ин замина аксари ғазалҳои ошиқонаи ӯ тоза ва пурмаънӣ буда, ифодагари навҷӯии шоир мебошанд.

Ғазали Паймон шеваю адои нарму гарме дорад, ки хонандаро ба зиндагии пурмуҳаббат ва созанда дилгарм месозад. Ба ин далел, аксари ғазалҳои ошиқонаи шоир умедворкунанда ва раҳнамои саодати инсон ҳастанд. Ғазали зер ба ин гуфтаҳо далеланд:

*Вафоят кунам, ки сафоят барам,*
*Ҷафоят кашам, то вафоят барам.*

*Шавам шод агар ғам хурам баҳри ту,*
*Хушам ранҷ агар аз бароят барам.*

*Ба ман кун ҳама нозу нузат, ки ман*
*Фароғ аз итобу адоят барам.*

*Қасам аз сарат то ба поят, қасам,*
*Ки ҳам ҷону ҳам дил ба поят барам...*

Отифа ва ҷазаботу эҳсосоте, ки дар ин гуна ғазалҳои Паймон баён шудаанд, чун аз воқеият сарчашма мегиранд, дар алфоз ва тарзи адои онҳо моҳияти аслии хостаи шоир берун меояд ва ба хонанда асар мегузорад. Ёдвораҳои шоир аз таваҳҳум ва тасаннуъу муболиға дур буда, дар онҳо аз воқеияти зиндагии инсони одӣ ва умедвор бо забону тасвирҳои зебои табиӣ хабар дода мешавад. Ба ин далел ишқ дар аксар ғазалҳои ошиқонаи Паймон тафсири чизест, ки аз зикри номи он хонанда лаззат мебарад. Намунааш порае аз ғазали зер:

*Аз он даме, ки як туро гузида*
*ёр кардаем,*
*Сад орзу дар орзуят ихтисор*
*кардаем.*

*Чунон мудом ошиқу чунон*
*тамом ошиқем,*
*Ки з-он чаҳор фасли умри худ*
*баҳор кардаем.*

*Зи фарти ишқу ошиқӣ,*
*зи ҳадди сидқу содиқӣ,*
*На майли ақл, хости дил ихтиёр*
*кардаем...*

Чунонки аз ин ва ғазалҳои дигараш бармеояд, ишқ барои ӯ чизе нест, ки чун ба дараҷаи камоли худ расид, он вақт асараш зоҳир гардад, балки лутфи худовандист, ки аз оғоз то анҷом лаззатбахшу лутфангез боқӣ мемонад. Паймон аксаран зери таъсири сурури нишоти бебозгашти ишқ ба чунин натиҷа мерасад, ки давлати дунёро наметавон ба ин неъмати худодода иваз намуд, ба ин далел ғазалҳои ошиқонааш моломоли лаҳне пур аз фарру ифтихоранд.

Мавзуъву муҳтаво дар шеъри Паймон масъалаи гароиш ба шеъри асилро матраҳ месозад, ки бармегардад ба тарзи ифодаи эҳсос ва талаққии хос аз ин ё он мавзуъ дар эҷодиёти шоир. Аз ин ҷиҳат шахсияти шоирии Паймон аз муҳтавои шеъраш берун меояд. Мавзуъ дар шеъри шоир воситаи муҳимми ибрози назар ва робитаи андеша ба воқеият, мудохилаи зеҳнию адабӣ ба раванди ногувор ва хушиҳои рӯзгор мебошад.

Яке аз хусусиятҳои эҷодии Паймон он аст, ки тарзи тафаккураш ба ҳисомезӣ ва андешаварӣ асос ёфта, шеъраш асосан аз фикру андешаи мураккаб ва пуршиддат фароҳам омадааст, ки дар ин ҷараён на фақат олами маънавию ахлоқии инсонҳо, балки моҳияти иҷтимоӣ ва ҳиссу андешаи онҳо низ ифода мешавад. Ин нукта ишора ба он аст, ки инъикоси ин ё он мавзуъ дар шеър барои Паймон тавсиф ё гузориш нест (чунонки дар шеъри хеле аз шоирон ҳаст), балки шоир ба ин васила эҳсос ва отифаи шахсияшро низ ифода мекунад.

Бад-ин тариқ, метавон гуфт, ки тафаккури ғиноӣ, биниши моҳиятҷӯ ва корбурди тасвирҳои пӯёву боланда, ҳамсозии эҳсосу андеша барои инъикоси мавзуъву масъалаҳое, ки хоси диди бадеии шоир аст, имкони бештаре фароҳам овардаанд ва дар ин замина шоир тозакориҳои ҷолибе дорад, ки фардияти эҷодӣ ва хусусиятҳои мундариҷавию жанрии осорашро муайян ва мушаххас менамоянд.

Бар хилофи тасвири иҷтимоъгароёна, ки дар шеъри давраи шӯравии тоҷикӣ роиҷ буд, Паймон тарзу тариқи дигари тасвири мавзуъву масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқиро ихтиёр карда, ба ин васила ғазалҳоеро сурудааст, ки бо гузашти замону сиёсатҳо ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешаванд. Вай хоҳ аз сарнавишти падару модари азиз, хоҳ Самарқанди қандманд ва ғайра сухан гӯяд, як дард дорад: намудани чеҳраи мондагори инсон ва арзишҳои мероси адабию фарҳангии миллӣ, ки бефаност.

Паймон ба унсурҳои шаклии ғазал, аз ҷумла байти тахаллус низ эътибори хос дода, онро ҳамчун василае барои ба хонанда қарин сохтани шахсияти шоир ва барангехтани ҳиссу андешаи ӯ истифода намудааст. Ба ифодаи дигар байти тахаллус дар ғазалҳои ӯ маъникаш буда, оҳангеро ба вуҷуд меоварад, ки гӯё шоир тамоми андешаву ороишро ба хонанда баён мекарда бошад. На фақат байти тахаллус, балки ҳамаи байтҳои ғазал дар таҷрибаи Паймон ҳиссиёти ҳамсозӣ ва ҳамдилиро дар дили хонанда бедор мекунанд, ки аз бартарии тарзи нигориши шоир дарак медиҳад.

Дар ин навишта мо танҳо чанд ғазалро аз ҷилди дувуми Девони шоир аз назар гузаронида, моҳияти асосии ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва паҳлуҳои ҳунари тасвиргарии ӯро арзёбӣ кардем, ки таъкид ва таъйиди маҳорати шоирии ӯ ва дастовардҳои ҳунариаш дар ин замина мебошад. Дар интиҳои ин тақриз пешниҳод карданием, ки бо назардошти ҷустуҷӯ ва тозакориҳое, ки Паймон дар тӯли солҳо пойбанди он будааст, меарзад, ки дастовардҳои ин шоири навҷӯву ҳунарманд ба дарёфти Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ қадрдонӣ шавад.

Хоса шоире, ки дар муҳити адабию фарҳангии Ӯзбекистон парвариш ва камол ёфта, дар интишор ва равнақи адабу фарҳанги тоҷикӣ дар ин минтақа саҳми бузург гузоштааст.

**Ҷумъа ҲАМРОҲ,**
**доктори улуми филологӣ,**
**профессор.**

*Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд ба муносибати 35-солагии истиқлоли кишварамон таҳти ғояҳои неки «Ӯзбекистони Нав – хонаи умумии мо», «Ӯзбекистони Нав – мамлакати ҷавонон» чорабинии фарҳангию маърифатӣ баргузор шуд.*

*Дар чорабиние, ки бо ҳамкории Бунёди ҷамоатии назди Олий Маҷлис ва ҳокимияти вилоят ташкил шуд, намояндагони марказҳои миллии вилоят, профессор-омӯзгорон ва донишҷӯён ширкат ҷустанд.*

*Дар ҳавлии донишгоҳ урфу одат ва арзишҳои миллии донишҷӯёни гуногунмиллат ва донишомӯзоне, ки аз хориҷи кишвар дар ин маърифатгоҳ таҳсил мегиранд, намоиш дода шуд.*

***Дар акс:** лавҳае аз намоишгоҳ.*
***Аксбардор: А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).***



# ЖУРНАЛИСТИКА ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ: ДУРНАМО, ИМКОНОТ ВА МУШКИЛОТ

***Дар Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон бо ташаббуси рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди журналистон рӯнамоии рисолаи дастаҷамъии «Журналистикаи муосир ва зеҳни сунъӣ: дурнамо ва мушкилот» («Замонавий журналистика ва сунъий интеллект: истиқболлар ва муаммолар») баргузор гардид.***

Ректори донишгоҳ Илҳомҷон Тӯхтасинов, иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳоди журналистон Шуҳрат Орифов, сармуҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов, устоди донишгоҳ Берунӣ Алимов, олимону муҳаққиқон дар бораи мазмуну мундариҷа ва муҳтавои китоби тозанашр, аҳамият ва арзиши илмии китоб, инчунин нақши зеҳни сунъӣ дар журналистикаи муосир ва дурнамои соҳа ҳарф заданд.

Зикр гардид, ки алҳол дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла, журналистика аз имкониятҳои замимаҳои гуногуни зеҳни сунъӣ босамар истифода мебаранд. Муаллифони китоб маҳз бо назардошти ин ҷиҳат, ҳар як паҳлуи масъаларо аз нигоҳи илмӣ, дар асоси таҷрибаҳои байналмилалӣ ва бо мисолҳои ҳаётӣ баррасӣ кардаанд, ки ин арзиши илмии онро боз ҳам волотар менамояд.

– Дар мамлакати мо масъалаи татбиқ намудани зеҳни сунъӣ дар бахшҳои гуногун ва истифодаи пурсамар аз имконоти он мавриди таваҷҷуҳи доимии сарвари давлат қарор дорад, – гуфт И.Тӯхтасинов. – Имзо гардидани Қарори Президент «Дар бораи тасдиқ кардани Стратегияи рушди технологияҳои зеҳни сунъӣ то соли 2030» ва Фармон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба рушди минбаъдаи технологияҳои зеҳни сунъӣ» низ аз ин далолат медиҳанд. Ин аст, ки алҳол дар аксар соҳаҳо татбиқсозии босамари онро мушоҳида мекунем. Дар раванди роҳандозӣ, баробари афзалият, мушкилиҳо низ ошкор мешаванд ва ин ҳолат интишори матолиби боэътимоди илмиро тақозо мекунад. Боиси эътироф аст, ки дар монография баробари таъкиди бартариҳо, камбудӣ ва мушкилоти истифодаи зеҳни сунъӣ низ баррасӣ гардидааст, ки ин ба боз ҳам дақиқтар омӯхтани соҳа мусоидат менамояд.

Дар анҷом аз ҷониби таҳририяти «Овози Самарқанд» ба муаллифони мақолаҳо сертификатҳо тақдим гардид.

Китоб дар нашриёти «Маҳорат» нашр шуда, дар ҳамкории Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд, рӯзномаи «Овози Самарқанд» ва шуъбаи вилоятии Иттиҳоди журналистон, таҳти рукни «Аз китобхонаи «Овози Самарқанд» омодаи чоп гардида, мақолаҳои илмиву эҷодии муҳаққиқон, рӯзноманигорон ва донишҷӯёнро бо се забон – ӯзбекӣ, русӣ ва тоҷикӣ дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар охири рисола истилоҳот – калимаҳои нави марбут ба журналистикаи муосир ва технологияҳои зеҳни сунъӣ низ шарҳ дода шудаанд.

**Ф. ЙӮЛДОШОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Дар Донишгоҳи давлатии муҳандисӣ ва агротехнологии Тирмиз ҳамгироии илм ва истеҳсолот самара медиҳад.***

# ҲАМГИРОИИ ИЛМ ВА ИСТЕҲСОЛОТ

Дар донишгоҳ корҳои амалии илмӣ оид ба таъмини ҳамгироии таълим ва истеҳсолот натиҷаҳои назаррас ба бор оварда истодаанд. Аз ҷумла, дар назди кафедраи «Технологияҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ» фаъолияти маҳфили илмии «Ипакчи тадқиқотчи» дар мавсими ҷорӣ бо дастовардҳои муҳим ҷамъбаст гардид.

Профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дар ҳамкорӣ давоми 30-35 рӯз навъи гибридии пиллаи хитоиро дар асоси усулҳои илмӣ парвариш намуда, ҳосили фаровон ба даст овარданд. Ин таҷриба барои дар амал омӯхтани нозукиҳои парвариши кирми пилла ва коркарди саноатии он ба донишҷӯён имконият фароҳам овард.

Дар ҷараёни таҷриба усули технологии бепартов истифода гардид, ки тибқи он тамоми қисмҳои пилла – аз нахи хом то ғумбаг, коркард мешаванд. Мутахассисон таъкид менамоянд, ки аз як дона пилла аз 800 то 1800 метр абрешими хом гирифтан мумкин аст. Ин нишондиҳанда самаранокии иқтисодӣ ва аҳамияти бузурги соҳаи пиллапарвариро равшантар месозад.

Қайд гардид, ки чунин таҷрибаҳои илмию амалӣ барои омода намудани мутахассисони соҳибкасб, рушди саноати сабук ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир замина фароҳам меоваранд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Ҳеч кас ва ҳеч чиз фаромӯш намешавад!*

# ДУ ЛАВҲА АЗ ЯК ДЕҲА

***Деҳаи хушҳавои Оҳалики ноҳияи Самарқанд дар бағали кӯҳсори Зарафшон ҷойгир аст. Мардуми сарбаланди он бо хислатҳои наҷибу ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла, хоксорӣ, ҷавонмардӣ, далерӣ ва устуворӣ маълуму машҳуранд.***

Тӯли солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ 101 нафар диловарони он барои дифоъи Ватан сина сипар карда, 72 нафарашон дар набардҳои шадид ҷоми шаҳодат чашидаанд.

40 сол қабл мардуми қадршинос барои хотираи неки онҳо муҷассама гузошта буданд, ки бо мурури замон харобу фарсуда шудааст.

Сарбозони байналмилал,ки дар амалиёти низомии Афғонистон ширкат варзиданд, боз ба як кори хайр даст заданд. Онҳо бо ташаббусу дастгирии ҳомиёну саховатмандони деҳа ва таҳти роҳбарии марди ватанпарвар Раҷаббой Назаров бо роҳи ҳашар ин ёдгории таърихии диловарони оҳаликӣ ва боғи шаҳидонро аз нав бунёд карданд. Он дар арафаи Рӯзи хотира ва қадр ба тарзи тантанавӣ кушода шуд. Дар ҷамъомади бошукӯҳ мардум, сарбозони байналмилал, меҳмонони олиқадр аз Тоҷикистон ширкат варзиданд. Сарвари мактаби миёнаи рақами 18-уми воқеъ дар деҳа Ашӯрбой Шоҳмақсудов ба тадбир ҳусни ифтитоҳ бахшида, таъкид намуд, ки ёди неки гузаштагон, хосатан диловарони Ватанро қадр намудан ҳам қарзу ҳам фарз аст.

Имом-хатиби маҳалла Баҳром Зоҳидов ояте тиловат кард.

Сипас, ҷонишини ҳокими ноҳия Саид Мардонов, раиси Шӯрои ҷанговарони байналмилали вилоят Эркин Мавлонӣ, меҳмон аз шаҳри Панҷакент Алибой Баротов ва дигарон ба сухан баромада, дар бораи эҳсоси ватанпарварӣ ва диловарӣ ҳарф заданд. – Дар майдони шаҳидон ғайр аз исму насаби иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, инчунин рӯйхати сарбозони байналмилал сабт ёфт, – гуфт Раҷаббой Назаров, – зеро аз Оҳалики мо 37 нафар дар Афғонистон вазифаи ҷавонмардии худро иҷро карда, ду нафарашон – Раҳмонқул Облоқулов ва Шамсиддин Шарофов ҳангоми иҷрои амалиёти ҳарбӣ мардонавор ҳалок шудаанд.

Аз фурсат истифода бурда, мо ба ҳомиёни ҳимматбаланд Салим Ёдгоров, Фаёзиддин Аҳмадҷонов, Рустам Нормуҳаммадов, рассом Ҷумъа Абдураупов, Ҷӯрақул Нормуҳаммадов ва дигар савобталабон миннатдорӣ изҳор мекунем.

***

Дар мактаби миёнаи рақами 30-юми Оҳалики Поён низ чорабинии пуршукӯҳ ба муносибати 40-солагии ташкил ёфтани таълимгоҳи мазкур баргузор гардид. Дар он омӯзгорони собиқ, талабагон, падару модарон, вакилони расонаҳои ахбор иштирок намуданд.

Директори мактаб, доктори фанҳои биология Ҳасанҷон Ҳамидов оид ба таърихи таълимгоҳ сухан кард.

– Дар бунёди бинои мактаб хидмати собиқ директори хоҷагии давлатии «Меҳробод», фарзанди Оҳалик Соҳибназар Назаров ва нахустин мудир – шодравон Ҷаҳон Ҷамолов бузург аст, – гуфт Ҳасанҷон Ҳамидов. – Боиси хушнудист, ки дар тӯли 40 сол ҳазорҳо нафар писарону духтарон мактаби моро хатм карда, ҳоло дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд.

Замоне мактаби мо номи ҷанговари байналмилал Шамсиддин Шарофовро дошт, бинобар ин дар ҳавлии таълимгоҳ муҷассамаи ӯ гузошта шудааст.

Дар вохӯрӣ ҳамсангари Шамсиддин аз шаҳри Панҷакент Назар Боев, додари шаҳиди диёри афғон Зоир Исмоилов, шоир Нормурод Каримзода хотироти хешро нисбати собиқ директор Ҷаҳон Ҷамолов ва ҷанговари диловар Шамсиддин Шарофов нақл карданд.

Донишомӯзони мактаб таҳти роҳбарии Камолиддин Бозорбоев ва Нозия Абдуваҳҳобова аз ашъори шоирон доир ба Рӯзи хотира ва қадр, гузаштагони диловари Ватан намунаҳо қироат намуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**




# КАСБЕ, КИ АЗ ҲАРФҲО ОРЗУ МЕСОЗАД

Баъзан як калима метавонад тамоми зиндагиро тағйир диҳад. Калимаи «муаллим» аз ҳамин гуна аст. Дар паси ин калима меҳнат, муҳаббат, фидокорӣ, сабр ва орзу нуҳуфтааст. Зеро муаллим шахсест, ки ояндаи кӯдакон, рӯзи фардои ҷомеа ва маънавияти миллатро шакл медиҳад.

Ҳар рӯз муаллим аз дари синф медарояд — на танҳо барои гузаронидани дарс, балки барои роҳнамоии зиндагӣ. Ӯ бо қалам дар даст ва сад орзу дар дил, донишро ба дили поки кӯчак мешинонад. Ба хонанда ҳарф меомӯзад, вале аз ин ҳарфҳо на танҳо калимаҳо, балки орзу ва тақдирҳо сохта мешавад.

Андеша кунед: муаллими синфи ибтидоӣ ба кӯдак ҳарфи «А»-ро меомӯзад. Ин ҳарф одӣ нест — ин оғоз аст, ин роҳ аст, ин қадами аввал аст. Аз ҳамин ҳарфи хурд оламро ба шогирдон мекушояд. Яке шоир мешавад, дигаре муҳандис, сеюмӣ табиб. Аммо ҳар яке роҳи худро аз ҳамин ҳарфҳо оғоз кардааст. Пас, ҳар як муаллим меъмори орзуву тарроҳи оянда аст.

Арзиши ин касб бисёр вақт дар хомӯшӣ нуҳуфтааст. Муаллим шӯру ғавғо намехоҳад, вале дар паси ҳар як муваффақият меҳнати беинтиҳои ӯ пинҳон аст. Онҳо ҳар рӯз дарс мегузаранд, садҳо дафтарро месанҷанд, аммо муҳимтар аз ҳама — бо дилҳо кор мекунанд.

Имрӯз замон дигар шудааст, технологияҳо рушд ёфтаанд, зеҳни сунъӣ ҳатто асарҳои адабиро менависад. Вале ҳеҷ гоҳ наметавонад муҳаббат, нигоҳ ва гармии дили муаллимро иваз кунад. Зеро муаллим робот нест — ӯ инсонест орзу месозад ва ба ҳарфҳо ҷон мебахшад.

**Сарвиноз ТУРСУНОВА,**
**муаллими кафедраи методикаи таълими томактабӣ ва ибтидоии Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ.**

# СИНФИ ИБТИДОӢ – ПОЙГОҲИ МУСТАҲКАМИ ДОНИШ

Олимон дарсро мӯъҷиза ва санъат хондаанд. Зеро кӯдаки хурдсол дар натиҷаи азхудкунии маводи дарсӣ дар давоми солҳои таҳсил ба камол мерасад ва ба тадриҷ, шахсияташ ташаккул меёбад. Муаллифи ин ташаккулёбӣ омӯзгори синфи ибтидоӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, равшанфикрони ҷомеа дар назди омӯзгор, махсусан, муаллимони синфи ибтидоӣ талаботи зеринро гузоштаанд:

дарс бояд ба таълиму тарбия ва рушди маънавии донишомӯзон равона карда шавад;

ҳар як дарс бояд мувофиқи сохти худ – оғоз, гузориши мақсад, шарҳу эзоҳ, мустаҳкамкунӣ, ҷамъбасту вазифаи хонагӣ паси ҳам гузаронида шавад;

дарс бояд ба талаботу усулҳои илмиву методӣ ҷавобгӯ бошад ва дар он хусусиятҳои рӯҳии донишомӯзон қатъан ба назар гирифта шавад;

дар дарс бояд омӯзгор аз дастовардҳои пешқадам ба монанди технологияҳои замонавӣ, зеҳни сунъӣ истифода бурда тавонад;

бо падару модарони донишомӯзон ба таври онлайн мулоқот карда тавонад;

мазмуну моҳияти дарсро муаллими синфҳои ибтидоӣ бояд ба ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа интегратсия ва ба барномаи таълимӣ мувофиқат кунанд.

Синфҳои ибтидоӣ зинаи аввалини таҳсилоти мактабӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин марҳила кӯдакон асосҳои донишро аз худ мекунанд ва ба муҳити омӯзиш одат менамоянд. Дар синфҳои ибтидоӣ фанҳои асосӣ ба монанди хондан, навиштан, ҳисоб ва табиатшиносӣ омӯзонида мешаванд. Омӯзгорон кӯшиш мекунанд, ки ба хонандагон донишро бо усулҳои сода ва фаҳмо расонанд. Дар ин давра кӯдакон малакаҳои аввалини муошират, ҳамкорӣ ва мустақилона фикр карданро инкишоф медиҳанд. Яке аз вазифаҳои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ин бедор кардани шавқу ҳавас ба донишомӯзӣ мебошад. Агар кӯдак дар ин марҳила ба таҳсил таваҷҷуҳ пайдо кунад, дар зинаҳои баъдӣ низ хубтар меомӯзад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд сабур, меҳрубон ва эҷодкор бошад. Ғайр аз ин, дар синфҳои ибтидоӣ тарбияи ахлоқӣ низ аҳамияти калон дорад. Кӯдакон меомӯзанд, ки бо ҳамдигар эҳтиромона муносибат кунанд, қоидаҳоро риоя намоянд ва масъулиятшинос бошанд. Хислатҳои ҳамидаи инсониро, ки ҳар як донишомӯз бояд доро бошад, танҳо омӯзгор метавонад тавассути суҳбат, дарс ва байту ривоятҳое, ки характери пандомӯзӣ доранд, ташаккул диҳад. Фазилатҳои неки инсониро ба хонанда омӯзондан вазифаи омӯзгор ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бояд ҳар як муаллим бевосита худомӯзӣ карда, бисёртар хонад, эҷод кунад ва қироати дурусти матн ё шеърро пайваста тамрин намояд. Дар назди хеш мақсад гузорад, ки ӯ ҳамчун муҳандиси рӯҳи инсон, бо хонанда сарукор дорад. Барои онҳо роҳи дурусти зиндагиро мекушояд. Як иштибоҳи омӯзгор метавонад солиён ба хонанда зарари маънавӣ расонад.

Ба онҳое, ки дар ин роҳи пурмашаққату бошараф умри бобаракати хешро сарфи таълиму тарбия намудаанд, пешравӣ ва комёбиҳои бардавом таманно дорем.

*Ба ҷисми мо ту ҷонӣ, эй муаллим,*
*Анису меҳрубонӣ, эй муаллим.*
*Ба мо илму адаб омӯхтӣ ту,*
*Накӯву нуктадонӣ, эй муаллим.*
*Туро чун шеди олам мепарастам,*
*Ба роҳам дур фишонӣ,*
*эй муаллим.*
*Диле дорӣ, ки дунё мешавад ҷо,*
*Ҷаҳони бекаронӣ, эй, муаллим.*
*Саодат мекунад васфат*
*шабу рӯз,*
*Аз он ки ҷовидонӣ, эй муаллим.*

**Саодат САНГИНОВА,**
**директори мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

*Тарбияи томактабӣ*

# КӮДАКОН ВА ТАБИАТ

*Илми табиат, ки он илми чизҳост.*
***Ибни СИНО***

Тағйироти ҳаёти растанию ҳайвонотро дар фаслҳои гуногун мушоҳида кардани кӯдакон боиси рушди фикри онҳо гардида, муҳаббаташонро нисбат ба табиат зиёд мекунад. Кӯдакон дар вақти мушоҳида ҳодисаҳои табиатро фаҳмида, алоқамандӣ ва бо ҳам вобаста будани ин ҳодисаҳоро то андозае дарк мекунанд. Табиате, ки кӯдаконро иҳота кардааст, сарчашмаи аввалини тасаввурот мебошад.

Барои инкишоф додани ҳисси эстетикии кӯдакон дар табиат ҳама чиз мавҷуд аст: гулу гулбуттаҳои рангоранг, шар-шари обу навои паррандагон, насими фораму ҳуштаки тундбод.

Барои дарки зебоии табиат адабиёт ва санъат мавқеи калон дорад. Кӯдакон дар вақти хондани шеър ва ҳикоя тамошои манзараю расмҳои китобчаҳо, гӯш кардани мусиқӣ бо образҳое, ки онҳо асрори табиатро ошкор мекунанд, шинос мешаванд.

Пешрафти замон, илму техника, беҳтар шудани шароити моддӣ ва маънавии ҳаёти мо дар назди оила ва кӯдакистон вазифаҳои нави тарбиявиро мегузорад.

Дар зери таъсири табиати гирду атроф ва тарбия оҳиста-оҳиста дар кӯдакон завқи эстетикӣ ва меҳру муҳаббат ба табиату санъат пайдо мешавад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии оила ва кӯдакистон инкишоф додани қобилияти дарк намудани зебоии табиат, дуруст мушоҳида ва тасвир карда тавонистани он, дар амал татбиқ намудани маҳорати бадеии худ аз тарафи кӯдак мебошад. Бо ин мақсад зарур аст, ки падару модар ва мураббиён диққати кӯдаконро ба муайян карда тавонистани зебоии табиат, меҳнати одамон, корҳои олиҳимматонаи инсон равона карда тавонанд.

Дар синни томактабӣ дар кӯдакон нишонаҳои маҳорати эҷодӣ дида мешавад. Мо бояд ҳангоми аз тарафи кӯдакон иҷро намудани мақсади дарпешгузошта ба онҳо мадад расонем.

Дар тарбияи сифатҳои ахлоқии кӯдакон тарбияи меҳру муҳаббат ба табиат нақши калон мебозад. Он дар ғамхорӣ ва муҳофизат кардани табиати гирду атроф ва аз нав барқарор намудани сарватҳои он зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, муносибати дуруст ба предметҳои табиат на танҳо ба тарбияи эстетикӣ, балки тарбияи ахлоқии кӯдак низ кӯмак мерасонад.

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориш.**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# РОҲИ САФЕД, ХАТМКУНАНДАГОН!

Дар соли хониши 2025-2026 аз 10 ҳазору 193 мактаби мамлакат 1 миллиону 94 ҳазору 330 нафар писарону духтарон мактабро хатм карданд.

Қариб 622 ҳазор нафари онҳо синфи 9, беш аз 472 ҳазор нафар хатмкардагони синфи 11 ба шумор мераванд.

16 ҳазору 481нафар хатмкардагони синфи 9 бо шаҳодатномаи дараҷаи аъло, 2 ҳазору 47 нафар хатмкардагони синфи 11 бо медали нуқра, 9 ҳазору 731 нафар бо медали тилло мактабро хатм намуданд. Қисми зиёди хатмкунандагонро мактабҳои вилоятҳои Самарқанд, Фарғона, Қашқадарё, Андиҷон ташкил медиҳанд.

Дар соли таҳсили 2025-2026 хонандагони мактабҳо дар олимпиадаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ 24 медали тилло, 46 медали нуқра ва 57 медали биринҷӣ ба даст оварданд. 2 нафар донишҷӯдухтар бо Ҷоизаи давлатии Зулфия сарфароз гардиданд. Шумораи донишҷӯёне, ки шаҳодатномаи донистани забонро доранд, ба 40 566 нафар расид, ки нисбат ба соли 2021 (10 960) 3,7 маротиба афзоиш ёфтааст.



*Сурати ЎзА.*

*Мушоҳида ва андешаҳо*

# ТЕЛЕФОН ВОЛИДАЙН Ё ОМӮЗГОР НЕСТ!

***Албатта, ҳама мехоҳанд аз рухсатии меҳнатӣ пурсамар истифода баранд. Ҳангоми рухсатӣ баъзеҳо аз пайи таъмири хонаву ҷой шаванд, баъзеҳо мехоҳанд саломатии худро беҳтар кунанд, онҳое, ки аз садову ғавғои шаҳр хаста шудаанд, мехоҳанд ба мавзеъҳои дуре рафта, истироҳат кунанд ё дар оғӯши падару модар ва байни хешовандон бошанд. Кӯчаҳои пур аз ҷавонону сайёҳони хориҷии шаҳри куҳнаи Бухоро, обидаҳои таърихии он, бахусус, шомгоҳи ин шаҳри шариф барои ман хеле азиз аст. Сайёҳоне, ки аз ҷойҳои таърихии шаҳри мо боздид мекарданд ва аз таҳти дил ҳикояҳои таърихии роҳбаладро гӯш мекарданд, ҳисси Ватанро дар қалбам бештар мегардонанд.***

Ман ҳангоми сафари худ ба Бухорои Шариф шоҳиди бартариҳои беназири меҳмонони хориҷӣ нисбат ба худамон шудам. Оё гӯям бовар мекунед, онҳо нисбати ҳамшаҳриёни ман аз телефони дастӣ кам истифода мебурдаанд... Қариб 80-90 фоизи мусофирони қаторае, ки аз Тошкандшаҳр сӯйи Бухоро роҳ пеш гирифт, сайёҳони хориҷӣ буданд. Онҳо байни ҳамдигар ба забонҳои гуногуни хориҷӣ суҳбат мекарданд.

Баъдтар ман дар кӯчаву ошхонаҳои шаҳр низ сайёҳони зиёдеро дидам, онҳо аз пешхизматҳо дар бораи хӯрокҳои миллии мо чизе мепурсиданд ва боз суҳбаташонро идома медоданд. Онҳо воқеан аз зиндагӣ ва ҳар дақиқаи он лаззат мебурданд.

Эътибор ва таваҷҷуҳи ман ба суҳбати сайёҳон сабабҳои хос дошт. Ҳар вақте ки ман ба хонаи хешон ё шиносон мерафтам, нафақат калонсолон, балки кӯдаконеро медидам, ки ҳанӯз ба синне нарасида буданд, дар дасташон телефон буд...

– Кӯдакони имрӯза хеле доноча ҳастанд, – гуфт дӯсти наздикам ва набераашро ситоиш кард. – Ҳарчанд вай ҳанӯз дусола нест, метавонад мултфилмҳои дӯстдоштаашро дар ютуб пайдо ва тамошо кунад, мултфилмеро, ки дида бошад, гузаронда, навашро меёбад. Ман барои хаста нашудани дастони ӯ телефонмонак низ харидам, – бо фахр мегӯяд дугонаам.

– Ба набераат телефон надеҳ, – гуфтам ман бо қатъият, – ин «матоъ» ба чашмон, сутунмӯҳра, пеш аз ҳама ба системаи асаб ва хотирааш зарар мерасонад.

– Медонам, – бо итминон гуфт дӯстам, – аммо ман илоҷи дигар надорам ва наметавонам бо роҳи дигар ӯро ором кунам.

Дугонаам гӯё мехост бигӯяд, ки «худат бубин» ва телефонро аз дасти наберааш гирифт ва кӯдак мисле ки занбӯр неш зада бошад, ногаҳон гиря сар дод...

– Ман дар соҳаи маориф 30 сол таҷрибаи корӣ дорам, – мегӯяд муаллими нафақахӯр Лола Муъминова. – 15-20 сол пеш аз ин вақте ки ба шогирдонам дарс мегуфтам, пайхас намекардам, ки вақти танаффус расидааст. Хонандагон ба мавзӯи нав чунон завқу шавқ доштанд, ки саволи онҳо беохир буд, аммо ҳоло наметавонам чизҳои оддиро ба набераҳоям фаҳмонам, диққати онҳоро ба як мавзӯъ ҷамъ кардан душвор аст, онҳо ба дониш шавқ надоранд.

Мо даврони кӯдакӣ дар кори хона кумакрасони падару модар будем. Бачаҳо то бегоҳӣ дар кӯча бозӣ мекарданд ва шабона ҳама аз пайи иҷрои вазифаҳои хонагӣ мешуд. Аз хонандаи имрӯза пурсед, ки вазифаи хонагиро иҷро кардӣ, ҷавоби онҳо яктост: «аллакай!». Агар телефонро аз дасташон гиред, хашмгин мешаванд, фарёд мезананд, яъне барои мо дур кардани кӯдак аз телефон ғайриимкон мегардад. Сабабгори чунин рафтори номатлуби кӯдак худи мо ҳастем, телефонбозиро ба онҳо худи мо омӯзондем, то ки гиря накунад, ором нишинад, хӯрок хурад.

Равоншиносон мегӯянд, ки ҳарчанд телефон ба кӯдак шодмонӣ ва тасвирҳои омодаро пешкаш менамояд, ӯро аз ҳолатҳои равонии тафаккур ва тахайюл, ки манбаи ташаккулёбии кӯдак ба шумор меравад, дур нигоҳ медорад, тамошои саҳнаҳои як ё дудақиқаӣ дар кӯдакон бесабрӣ эҷод мекунад. Аз ин рӯ, хондани китоб барои кӯдак як бори гарон, китобхонӣ машғулоти дилгиркунанда аст. Дар асл барои кӯдак мисли мутолиаи китоб машғулоти хубе нест, ки тарзи тафаккури ӯро васеъ гардонда, гузашта аз ин рафтору гуфтори хубро омӯзонад.

Мо то ҳадди имкон кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки фарзандонамонро аз таъсири берун, ба хусус одамони бадрафтор ҳифз намоем, аммо намехоҳем иқрор шавем, ки худамон хатари бузургро ба хонаамон меорем...

Кӯдак нахустин тарбияро аз волидон мегирад. Бачаҳои имрӯза, ҳатто кӯдаки гаҳвора вақте ки аз хоб чашм мекушояд, модари аллагуйро не, модареро мебинад, ки вуҷудаш бо телефон «баста шудааст». Бо боварии комил мегуям, ки ҳоло волидон ба ҷои меҳр ба дасти фарзандон телефон медиҳанд. Ба ҷои он ки бо фарзанд аз таҳти дил суҳбат кунанд, телефони ӯро ба интернет мепайванданд ва ҳамин тавр ба саломатии онҳо латма мезананд.

– Хонандагони зиёд имрӯз дар хондани ҷумлаҳое, ки шакли ҳарфҳои ба ҳам монанд доранд, душворӣ мекашанд, яъне чашмони онҳо аз равшании телефон хаста шудааст, – мегӯяд равоншиноси мактаби рақами 14-уми ноҳияи Вобканди вилояти Бухоро Қудрат Ҳайитов, – агар бо диққат нигаред, имрӯзҳо кӯдакони айнакдор бештар ба назар мерасанд. Ин кӯдаконе мебошанд, ки аз ҷониби духтур ташхис гузошта шудааст. Инчунин волидон ва бачаҳое низ ҳастанд намедонанд, ки чашмонашон иллати ҷиддӣ дорад... Волидон мушкилии ба чашм вобастаи фарзанди худро ба ирсият вобаста ва ё ки модарзод будани онро таъкид менамоянд, дар асл чашми бачаҳо дар муддати зиёд нигоҳ кардан ба масофаи наздик мутобиқ нестанд. Азбаски равшании телефон, телевизор ва планшет зиёд аст, ба он нигаристани кӯдак дар муддати дуру дароз маслиҳат дода намешавад, чунки мушакҳои чашми ӯ хаста гардида, сатҳи биниши ӯ коҳиш меёбад.

Коҳиши биноӣ айби технология ё вақту замон нест. Ин интихоби мост. Телефон падару модар ё омӯзгор нест, ӯ набояд кӯдакро таълим диҳад. Телефон як восита аст, на муаллим.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



## Муваффақияти омӯзгори хориҷӣ

*Ҳар як инсон роҳи ҳаёти ба худ хос дорад. Роҳи ҳаёти Марсден Аббей Николе аз Канада оғоз ёфта, имрӯз ба Ӯзбекистон вобастагии узвӣ дорад. Айни замон ӯ дар Мактаби президентии шаҳри Андиҷон фаъолият намуда, дар соҳаи таълим бо меҳнати самараноки худ лоиқи эътибору эҳтиром гардидааст.*

*Мутахассиси ҷавон Донишгоҳи Онтарияи Ҷанубиро хатм намуда, аз соли 2021 инҷониб дар мамлакатамон аз фанни кимиё дарс медиҳад. Дар муддати кӯтоҳ ӯ ба эътирофи намояндагони соҳаи таълим сазовор гардида, бо ордени «Дӯстлик» тақдиронида шуд.*

*Марсден таъкид мекунад, ки рӯзҳои аввал дар ӯ ҳарос ва ҳаяҷон вуҷуд дошт. Шароити замонавии мактабҳои президентӣ, ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқат кардани ҷараёни таълим ва аз ҳама муҳимаш, самимиву меҳмондӯстии халқамон ба ӯ таассуроти калон гузошт.*

*Барои хонум Марсден Аббей Николе вохӯрӣ бо роҳбари давлат ва ба ӯ супурдани мукофоти давлатӣ яке аз воқеаҳои фаромӯшнопазир гардид. Ба таъкиди ӯ, дар ҷамъияте, ки омӯзгор гиромӣ дошта мешавад, албатта, он ҷамъият рушд меёбад. Чунин шароит ва боварӣ омӯзгоронро водор месозад, ки боз ҳам фаъолтар ва самаранок меҳнат кунанд.*

***Дар сурат: Марсден Аббей Николе** бо шогирдон.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ. (ЎзА).***

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 2060. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.